Тасдиқ мекунам
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор

__________ Ибодуллозода А. И.
«_27_» _____10_____ соли 2025

**Хулосаи**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садриддин Айнӣ**

Диссертатсияи Чилаев Раҳмоналӣ Собирович дар мавзуи «Сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон: равандҳо ва омилҳои татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ, дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айни омода гардидааст.

Р.С. Чилаев дар соли 2011 факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айниро аз рӯйи ихтисоси таърих ва ҳуқуқ хатм намудааст.

Мавзуи кори диссертатсионии Р.С. Чилаев дар ҷаласаи Шурои олимони ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз 25 октябри соли 2012 тасдиқ гардидааст.

Дар давраи таҳия намудани диссертатсияи Р.С. Чилаев унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айни маҳсуб меёфт. Айни замон, ӯ ба ҳайси омӯзгори калони кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Аз тарафи унвонҷӯ имтиҳонҳои зерини номзадӣ супорида шудааст:

- таърих ва фалсафаи илм бо баҳои “хуб” аз 22 майи соли 2013;
- забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои “хуб” аз 04 июни соли 2016;
- сиёсатшиносии умумӣ бо баҳои “аъло” аз 28 марти соли 2024;
- сиёсатшиносӣ аз рӯйи ихтисос бо баҳои “аъло” аз 11 апрели соли 2024

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ дар таърихи 17 апрели соли 2024 аз тарафи шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгории Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айни дода шудааст.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.**

Диссертатсияи Чилаев Раҳмоналӣ Собирович дар мавзуи «Сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон: равандҳо ва омилҳои татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2 –

Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ, ки бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.10.2024 №364/ШД тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.**

Аҳамияти махсуси диссертатсияи мазкур ба возеҳу равшан намудани моҳият ва хусусияти сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, аҳамияти бузурги назариявию илмӣ ва сиёсию амалиро касб намудааст.

Вобаста ба натиҷаҳои муҳокимаи рисола хулосаҳои зерин қабул гардиданд:

- дар шароити муосири тағйироти глобалӣ, афзоиши аҳолӣ, таназзули иқлим ва ниёзҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як соҳаи калидии сиёсати давлатӣ аҳамияти афзоянда касб мекунад. Натоиҷи таҳқиқот нишон медиҳанд, ки масъалаҳои марбут ба рушди устувори энергетикаи Тоҷикистон бояд на танҳо аз дидгоҳи таъмини ниёзҳои дохилии барқ, балки ҳамчун унсури муҳимми суботи сиёсиву иқтисодии минтақа ва равандҳои ҳамгироии байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор гиранд;
- таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сиёсати энергетикӣ бояд берун аз чорчӯбаи стратегии техникӣ андешида шавад. Ҳалли масъалаҳои энергетикӣ ба таври зарурӣ бо дигар бахшҳои сиёсати давлатӣ – аз ҷумла сиёсати хориҷӣ, дипломатияи иқлимӣ, рушди кадрҳо, таъмини баробарии гендерӣ ва тавсеаи инфрасохтори рақамӣ – ҳамбастагӣ дорад. Аз ин рӯ, ҳар як барномаи стратегии рушди энергетика бояд бо диди фарогир ва ҳамбастагӣ таҳия гардад, то ки ба тағйироти экологӣ, талаботи ҷомеа ва имкониятҳои техникиву навоварона посухи мувофиқ дода тавонад;
- ҷиҳати навоварии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки диққат танҳо ба унсурҳои техникӣ ё молиявӣ маҳдуд нагашта, балки ба муносибати байнисоҳаӣ ва бархӯрди бисёрсатҳӣ ба масъала равона шудааст. Аз ҷумла, таваҷҷуҳи хоса ба дипломатияи сабз, механизмҳои ҳавасмандсозии бахши хусусӣ, рушди шабакаҳои интеллектуалӣ, коҳиши талафот, ҳамгироии занон ва боло бурдани иқтидори инсонӣ дода шуд. Чунин муносибати комплексӣ имкон фароҳам овард, ки дурнамои сиёсати энергетикӣ ҳамчун як низоми зинда, тағйирёбанда ва ба муҳити дохилию байналмилалӣ вобаста баррасӣ гардад;
- дар раванди таҳқиқот маълум гардид, ки Тоҷикистон на танҳо бо мушкилот, балки бо имконияти назарраси энергетикӣ рӯбарӯст. Захираҳои фаровони об, иқтидори офтобӣ ва бодӣ, ҷойгиршавии геостратегӣ дар байни бозорҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ, инчунин дастгирии институтсионалии шарикони байналмилалӣ, ба кишвар имкон медиҳанд, ки нақши нави минтақавиро ҳамчун таъминкунандаи неруи тоза иҷро намояд. Аммо ин фурсати стратегӣ танҳо дар сурате

амалӣ мешавад, ки сиёсати энергетикӣ бо принсипҳои устувор, шаффоф ва дарозмуддат ҳамоҳанг гардад;

- маводи таҳлилшуда нишон доданд, ки на танҳо сиёсати дохилӣ, балки низоми ҳуқуқӣ, дипломатия ва дастрасӣ ба захираҳои ҷаҳонии молиявӣ бояд ҳамчун воситаҳои таҳкими энергетика арзёбӣ шаванд. Ба ин васила, Тоҷикистон метавонад на танҳо мустақилияти энергетикии худро ҳифз кунад, балки дар ташаккули бозори сабзи минтақавӣ, баланд бардоштани амнияти экологӣ ва татбиқи ҳадафҳои рушди устувор саҳмгузор гардад;
- сиёсати энергетикии муосир бояд ба сифати абзори стратегии нави рушди устувори иқтисодӣ, мутавозинсозии иҷтимоӣ ва тақвияти нуфузи байналмилалии Тоҷикистон баррасӣ гардад. Барои расидан ба ин ҳадаф, зарур аст, ки назар ба энергетика ҳамчун як низоми иҷтимоӣ, сиёсӣ ва технологӣ таваҷҷуъ шавад – на танҳо ҳамчун соҳаи истеҳсолӣ.

Ҳамаи давраи иҷроиши нақшаи кории илмӣ-таҳқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи диссертант роҳандозӣ карда шудаанд. Саҳми шахсии диссертант дар пешниҳоди роҳҳои ҳалли муаммоҳо ва ба таври комплексӣ таҳлили сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистондар замони соҳибистиқлолӣ, заминаҳои ташаккули сиёсати миллию минтақавӣ инчунин сабабу омилҳои сарзадани мушкилоти энергетикӣ ва таъсири онҳо ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодии давлатҳои минтақаҳои нуқтаҳои асосии он мебошад.Бовуҷуди ин то ба имрӯз мавриди омӯзиш қарор гирифтани масъалаи сиёсати энергетикӣ аз ҷониби олимону муҳаққиқони зиёд, муаллиф тавонистааст, ки ҷанбаҳои камтаҳқиқшудаи ин масъаларо дар доираи давлатҳои Осиёи Миёна мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳад, чунки масоили энергетикӣ доираи марзҳои маъмуриро убур намуда, ба мушкилоти минтақавӣ табдил ёфтааст. Муаллиф дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот иштироки бевосита дошта, натиҷаҳои онро дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда чоп намудааст ва дар конференсияҳои илмию назариявӣ маърӯза кардаст.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.**

Вобаста ба рисолаи мазкур унвонҷӯ 9 мақола, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Боқимонда мақолаҳо дар нашриҳои дигар ба чоп расонидааст. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мебошад.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М] Чилаев, Р.С. Шарипов, К.И. Энергоэкономическая оценка энергетической политики Республики Таджикистан [Текст] / Р.С. Чилаев, К.И

Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. – № 1 (62-2). – С. 66-70.

[2-М] Чилаев, Р.С. Гидроэнергетика Таджикистана [Текст]: современные проблемы и переспективы развития / Р.С. Чилаев // Вестник Таджикского национального университета. – 2016. – 2/7 (213). – С. 291-298. ISSN 2413-5151.

[3-М] Чилаев, Р.С. Проблемы и преспективы развития энергетической отрасли в Республике Таджикистан [Текст] / Р.С Чилаев // Вестник педагогического университета. – Душанбе. – 2019. – №6 (83). – С. 260-267. ISSN.

[4-М] Чилаев, Р.С., Ҷононов С. Омӯзиши сиёсати энергетикии давлат: ҷанбаҳои илмӣ-назариявӣ [Матн] / Р.С. Чилаев, С. Ҷононов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – № 11. – С. 323-328. ISSN 2413-5151.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[1-М] Чилаев, Р.С. Саҳми Пешвои миллат дар рушди соҳаи сиёсати энергетика дар даврони истиқлолият [текст] / Р.С. Чилаев // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи "Равандҳои муосири молиявӣ – қарзӣ: мушкилот ва дурнамо. – Душанбе, 2023. – С. 272 – 275.

[2-М] Чилаев, Р.С., Ҳабибов, С. И. Омилҳои гидроэнергетикии баланд бардоштани некуаҳволӣ ва иқтисодиёти ҷаҳон [матн]: нақш ва мақоми Осиёи Марказӣ дар низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ / Р.С. Чилаев., С.И. Ҳабибов // Маводи Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ. – Кӯлоб, 2023. – С.118-121.

[3-М] Чилаев, Р.С. Сиёсати энергетикӣ ва баланд бардоштани иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон [матн]: / Р.С. Чилаев., // Маводи Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. ДБССТ, 2024. – С. 137-142.

[4-М] Чилаев, Р.С. Сиёсати энергетикии давлат: Ҷанбаҳои илмӣ-назариявӣ. [Матн]: / Р.С. Чилаев / Маводи Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ. – Душанбе: ДБССТ, 2024. – С. 494-499.

[5-М] Чилаев, Р. С. Нақши сиёсати энергетикӣ дар татбиқи ҳадафҳои рушди устувор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: [матн]: / Р.С. Чилаев., // Маводи Конференсияи илмӣ – амалӣ. – Душанбе:Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз – назди ДБССТ, 2025. – С. 197-203.

[6-М] Чилаев, Р. С. Нақши НБО-Роғун дар муносибатҳои сиёсии минтақа: [матн]: / Р.С. Чилаев., // Маводи Конференсияи илмӣ – назариявӣ. – Душанбе:– назди ДБССТ, 2025. – С. 91-97.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани он.**

Пешниҳоду хулосаҳое, ки дар раванди таҳлилу таҳқиқ ба даст оварда шудаанд, метавонанд барои таҳқиқи минбаъдаи таҳлилҳои сиёсӣ, бахусус оид ба сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун сарчашмаи назариявӣ ва амалӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

Дар таҳқиқот ҷанбаҳои сиёсӣ ва назариявию методологии сиёсати энергетикӣ, марҳалаҳои асосии рушди сиёсати энергетикӣ дар кишвар,

таҳлили монеаҳо ва мушкилоте, ки дар раванди амалӣ гардидани сиёсати энергетикӣ дар солҳои Истиқлоли давлатӣ ба миён омадаанд, арзёбии муваффақият ва дастовардҳои Тоҷикистон дар бахши сиёсати энергетикӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ муайян карда шудааст.

Маводи диссертатсияро метавон дар раванди таълими фанҳои таълимӣ, хусусан геополитика, низоъшиносӣ, минтақашиносӣ ва курҳои махсус дар самти сиёсати энергетикӣ ва таҳияи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ мавриди истифода қарор дод.

Инчунин, хулосаҳо ва натиҷаҳои диссертатсияро метавонад ҳангоми таҳияи қонунҳо, дар соҳаи корҳои таҳқиқотӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати энергетика ва захираҳои обӣ ва сохторҳои ҷамъиятии соҳаи инкишофи энергетика бо дарназардошти манфиатҳои сиёсии мамлакат мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Илова бар ин, аз хулоса ва натиҷаҳои диссертатсия барои ҳалли самарабахши мушкилоти муҳимми энергетикии ҷомеаи Тоҷикистон нигаронида шудаанд, истифода намудан мумкин аст.

Муқаррарот ва хулосаҳои диссертатсия барои таҳияи бахшҳои ин мушкилот дар маводҳои таълимӣ оид ба илмҳои сиёсӣ муфид буда метавонад ва аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аён мегардад, мусоидат хоҳанд кард.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегарданд.**

Диссертатсияи Р.С. Чилаев "Сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон: равандҳо ва омилҳои татбиқи он" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ, таҳқиқоти комилу воқеии анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб рафта, аз арзишҳои муҳимму аҳамияти назариявию амалӣ ва навгонии илмии замони муосир бархурдор аст. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот дар диссертатсия ҳалли илмии худро пайдо карда, дар ҳар як зербоб хулосаҳои илман асоснок ва мукаммал бароварда шудааст. Ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот – интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, муҳим будани он, муайян намудани ҳадафи асосии таҳқиқот ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда бо иштироки муаллиф анҷом дода шудаанд. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар таҳқиқот, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳои таҳлилӣ, пешниҳодҳои мушаххас ва нуктаҳои илмӣ, интишороти ӯ исбот карда мешаванд.

Моҳияти асосии навгонии илмии таҳқиқот ин таҳлили назарияҳои гуногуни илмӣ ҷиҳати сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқоисаи имконият ва вазъи воқеии энергетикии ҷумҳурӣ дар шароити пеш аз Истиқлоли давлатӣ ва давраи муосир алоқаманд мебошад, ки мавзуи сиёсати энергетикии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ ба таври лозимӣ ҳанӯз коркард нашудааст ва он бори аввал ба таври васеъ дар шакли диссертатсия мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифтааст.

Диссертант дар раванди таҳлил масъалаҳои асосиро дар алоқамандӣ бо объект ва мавзуи таҳқиқот мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода як қатор мафҳумҳои нав ва тавсияву пешниҳодҳои судманд ҷиҳати дар оянда бартараф

намудани мушкилоти сиёсати энергетикии ҷумҳурӣ аз ҷониби муаллиф ба миён гузошта шудааст.

1. Мафҳуми «сиёсати энергетикӣ» ба яке аз самтҳои меҳварии ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии давлат марбут мебошад. Он иҷрои маҷмӯи тадбирҳо ва амалҳоро дар бар мегирад, ки ба корҳои иктишофӣ, истеҳсол, интиқол, захиракунӣ, тақсимот ва истифодаи намудҳои гуногуни манбаъҳои энергетикӣ равона шудаанд. Ба ин манбаъҳо нерӯи обӣ, барқи анъанавӣ, нерӯи бод, офтоб, захираҳои биологӣ ва энергияи геотермалӣ шомил мешаванд.

2. Чораҳои илмӣ-назариявӣ, сиёсӣ, техникӣ, технологӣ ва ташкиливу иттилоотӣ заминаи асосии расидан ба мустақилии энергетикиро фароҳам месозанд. Омӯзиши илмӣ-назариявӣ ба таҳияи стратегияи мукаммал мусоидат мекунад, чораҳои сиёсӣ ҳамгироии сохторҳоро таъмин мекунанд. Пешрафтҳои техникӣ ва технологӣ имкони истифодаи манбаъҳои нав ва таҷдиди шабакаҳоро фароҳам меоранд. Тадбирҳои ташкиливу иттилоотӣ бошад, ҳамоҳангии байни ниҳодҳоро афзоиш дода, дар баланд бардоштани маърифати энергетикӣ ва шаффофияти равандҳо нақши муҳим мебозанд. Ҳамагӣ дар таҳкими асосҳои энергетикии кишвар саҳм мегузоранд. Сиёсати энергетикӣ бо дарназардошти нақши меҳварӣ доштанаш муҳимтарин омили иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва стратегӣ барои инкишофи ҷомеа мебошад.

3. Давраи нави рушди сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусияти хос мебошад, ки муҳимтарини онҳо баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии шаҳрвандон ва фароҳам овардани шароити арзанда барои зиндагӣ мебошад.

4. Системаи сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори он аст, ки ба яке аз самтҳои муҳимми таъмини амнияти энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ табдил ёбад ва ҳамчун унсури таҳкими ҳамкории сиёсии минтақавӣ хизмат намояд.

5. Энергетика як бахши муҳимми рушди ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, таъмини амнияти миллӣ ва ба даст овардани ҳадафҳои Стратегияи рушди миллӣ то давраи соли 2030 ҳисоб мешаванд.

6. Барои Тоҷикистон, ки захираҳои нисбатан калони нафту газ дорад ва барои истеҳсолу истифодаи неруи офтоб, шамол ва геотерминалӣ хароҷоти зиёди молиявӣ ва техникию технологӣ зарур аст, дар баробари сохтмону ба истифода додани НБО-и калону хурд алтернативаи ягона зиёд намудани истеҳсоли ангишт мебошад.

7. Захираҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таъмини амнияти миллӣ ва ба даст овардани ҳадафҳои геополитикии давлатро пайгирӣ мекунад, ҳамзамон бояд ба яке аз соҳаҳои муҳимми ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ дар ҷодаи истифодаи неруи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва бо оби ошомиданӣ таъмин кардан ва сероб кардани майдонҳои ташналаби бахши кишоварзии онҳо табдил дода шавад.

Ба таври маҷмӯӣ омӯхтани сиёсати энергетикии Тоҷикистон нисбати мавқеи байнифаннӣ самараноктар буда, омӯзиши падидаи мавриди омӯзишро аз назари геополитикӣ, сиёсатшиносӣ, таърихшиносӣ, сотсиологӣ ва

минтақашиносӣ пешниҳод менамояд. Таҳлили адабиёт нишон медиҳад, ки дар доираи фанҳои мазкур аз ҷониби муаллифони ватанию хориҷӣ маводи чашмрасе ҷамъоварӣ шудааст. Дар баробари ин таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки барои возеҳу равшан намудани моҳият ва хусусияти сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлилу баррасӣ намудани ҷанбаҳои назариявию методологии он ҳануз ҳам комилан омӯхта нашудаанд ва омӯзиши комплексии худро тақозо менамоянд. Барои ҳамин, рӯ овардани диссертант ба масъалаи мазкур, ки дар байни тамосҳои илмҳои ҷамъиятии бисёр қарор доранд, омӯзиши теъдоди зиёди адабиёти зиёдеро тақозо намуд, ки дар аксари ҳолат бо масъалагузории таҷҳизоти мафҳумии масоили динӣ сару кор гирифтаанд.

Бо итминони комил гуфтан мумкин аст, ки таклифу пешниҳодҳо ва хулосаҳои аз ҷониби муаллиф манзур намуда, илман асосноканд ва метавонанд минбаъд барои рушду инкишоф бахшидани илми ватанӣ аз ҳар ҷониб судманд бошанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло чунин хулосабандӣ намудан мумкин аст, ки рисола кори илмии хотимаёфта ба ҳисоб рафта, мустақилона аз ҷониби муаллиф навишта шудааст.

Хулоса дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ қабул гардидааст.

Дар маҷлиси кафедра 15 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар; «муқобил» – нест; «бетараф» – нест. Протоколи № 3-и маҷлиси кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 22-юми октябри соли 2025.

Раиси маҷлис,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент — Нуриддин П. Р.

Котиби маҷлис,
номзади илмҳои сиёсӣ — Ахиева С. У.

Имзои П.Р. Нуриддин ва С.У. Ахиеваро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Қодирзода С.